**ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ**

**ба диссертатсияи Ғуломзода Бобоҷон Зариф дар мавзуи: «Баҳодиҳии муқоисавии паҳншавӣ ва хусусиятҳои минтақавии омилҳои хавфи инкишофи бемории сил дар манбаъҳои сирояти силии минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои тиббӣ аз рӯйи ихтисоси 14.02.02 – Вогиршиносӣ. – Душанбе. – 148 с.**

**Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мавзуъ ва муҳтавои диссертатсияи Ғуломзода Бобоҷон Зариф дар мавзуи: «Баҳодиҳии муқоисавии паҳншавӣ ва хусусиятҳои минтақавии омилҳои хавфи инкишофи бемории сил дар манбаъҳои сирояти силии минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон» ба ихтисоси илмии 14.02.02 – Вогиршиносӣ: зербанди 3.1. – Қонуниятҳои пайдоиш ва хусусиятҳои паҳншавии раванди эпидемии бемориҳои сироятӣ ва паразитарӣ барои ошкор намудани сабабҳо, шартҳо ва механизмҳои инкишофи он; зербанди 3.5. – Такмили назорати эпидемиологии бемориҳои сироятӣ ва паразитарӣ, сохтани қолабҳои биологӣ ва математикии раванди эпидемӣ, таҳияи чорабиниҳои (воситаҳои) зиддиэпидемӣ, инчунин шаклҳои нави таъминоти зиддиэпидемӣ (профилактикӣ)-и аҳолӣ; зербанди 3.7. – Таҳия ва такмили чораҳои (воситаҳои) зиддиэпидемӣ, инчунин шаклҳои нави таъминоти зиддиэпидемӣ (профилактикӣ)-и аҳолӣ мутобиқат мекунад.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқ.** Яке аз ҷанбаҳои мубориза бо бемории сил дар мамлакатҳои дорои гирифторшавии баланд, ба ғайр аз муолиҷаи самаранок ва кам кардани фавт ин паст намудани хатари интиқоли бемории сил аз беморони сироятнок мебошад. Хатари инкишофи бемории сил баъди иртибот бо сарчашмаи сироят бо як қатор омилҳои беруна, ба мисли наздикӣ ё дурии иртибот ва давомнокии он,

сирояткунандагии сарчашма, омилҳои хатари иҷтимоӣ ва рафтор, аз ҷумла тамокукашӣ, истеъмоли шароб, ифлосшавии ҳаво дар ҳуҷраҳо ва дигар омилҳо муайян карда мешавад. Ҳамчунин омилҳои ташкилӣ, ба мисли таъхир дар ташхис, дастрасии нокифояи кумаки тиббӣ аҳамияти муҳим дошта метавонанд, ки метавонанд давомнокии иртиботро бо беморони сироятнок зиёд намуда, хатари инкишофи бемории силро баланд намоянд. Инчунин, мақсаднок гузаронидани скрининги барвақтӣ ва сари вақт оғоз намудани чораҳои муолиҷавӣ метавонанд оқибати бемории силро дар байни гурӯҳҳои хавфи осебпазирии баланд беҳтар намоянд. Таҳқиқи илмии диссертатсияи Ғуломзода Бобоҷон Зариф дар мавзуи: «Баҳодиҳии муқоисавии паҳншавӣ ва хусусиятҳои минтақавии омилҳои хавфи инкишофи бемории сил дар манбаъҳои сирояти силии минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон» ба омӯзиш ва таҳлили масъалаҳои зикршуда равона карда шудааст, ки афзалиятнокии он барои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сатҳи баланд қарор дорад.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳо дар диссертатсия ва нуқтаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд.** Навгонии натиҷаҳо ва нуқтаҳои илмие, ки барои ҳимоя дар диссертатсия пешниҳод гардидаанд аз лиҳози муҳиммият дараҷаи зарурии илмӣ дошта, бори аввал таҳия карда шуда, илман асоснок карда шудаанд. Аз ҷумла, навгониҳои илмии зерин, оиди омӯхтани дараҷаи гирифторшавӣ ба бемории сил дар минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон ва бо дараҷаи гирифторшавӣ ба бемории сил дар дигар минтақаҳои мамлакат муқоиса кардани он; ошкор кардани дараҷаи бо муоина фарогирӣ ва химиопрофилактикаи беморони иртиботдошта дар манбаъҳои бемории сили минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон ва дар асоси он пешниҳоди усули баланд бардоштани самаранокии назорат кардани иртиботҳо бо роҳи ҷалбкунии мутахассисони хадамоти назорати давлатии санитарию эпидемиологӣ, таҳлили омилҳои асосии хатар,

хусусиятҳои инкишоф ва саривақтӣ будани дараҷаи верификатсияи шаклҳои гуногуни бемории сил дар манбаъҳои сирояти бемории сили ноҳияҳои минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон, таҳияи маҷмуи чораҳои пешгирии инкишофи бемории сил дар ноҳияҳои минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон, барои фаҳмиши илмии сабабҳои вазъи вогирӣ бо бемории сил дар минтақаҳои кишвар, мусоидат кард.

Инчунин, нуқтаҳои зерини барои ҳимоя пешниҳодшаванда оиди нисбатан номусоид будани вазъи эпидемиологии бемории сил дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва сабабҳои он, дар амалия чораҷӯии бартараф намудани онҳоро осон мегардонад.

**Асосокӣ ва эътимоднокии хулосаю тавсияҳои дар диссертатсия ифодаёфта.** Дар натиҷаи мушоҳидаҳои бисёрсола ва гузаронидани таҳлили дақиқи нишондодҳои омори расмӣ, ҳисоботҳо ва гузоришҳои сохторҳои зиддисилӣ, КАТС ва Хадамоти назорати давлатии санитарию эпидемиологӣ хулосабарорӣ кардан мумкин аст, ки бешубҳа хулосаю тавсияҳои дар диссертатсия ифодаёфта асоснок ва эътимоднок мебошанд.

**Ҳаҷм ва сохтори диссертатсия.** Ҳаҷми диссертатсия 148 саҳифа буда, он ва аз муқаддима, тафсифи умумии таҳқиқот, 5 боб бо 10 зербоб, 22 ҷадвал, 4 расм ва номгӯи 167 сарчашмаи илмии истифодашударо дар бар мегирад.

**Дар муқаддима** аҳаммияти мавзуи таҳқиқ асоснок шуда, ҳадафу вазифаҳо, объекту предмети таҳқиқ, навгониҳои илмӣ, аҳаммияти амалии натиҷаҳои бадастовардашуда муайян шудаанд.

**Дар боби якум** шарҳи адабиёти олимони ватаниву хориҷи дуру наздик оварда шудааст. Аз ҷумла, маълумот оиди нишондиҳандаҳои асосии эпидемиологии бемории сил ва омилҳои хавфи икишофи бемории сил дар мамлакатҳои гуногуни ҷаҳон мавриди таҳлил қарор дода

шудааст.

**Дар боби 2** мавод ва усулҳои таҳқиқот навишта шудааст. Аз ҷумла, маълумотҳо дар бораи ҳодисаҳои бақайдгирифташудаи бемории сил дар давоми панҷ соли охир (солҳои 2018-2023), тартиби ҳуҷҷатгузории аввалия дар хадамоти зиддисилӣ, КАТС ва Хадамоти назорати давлатии санитарию эпидемиологӣ оварда шудааст.

**Дар боби 3** натиҷаҳои бадастовардашудаи диссертант оварда шудааст. Аз ҷумла, дар 7 зербоб натҷаҳои таҳлили гирифторшавӣ ба бемории сил дар минтақаҳои гуногуни Ҷумҳурии Тоҷикистон, вазъи эпидемиологии бемории сил дар байни баъзе аз гурӯҳҳои хавф, сатҳ ва сифати тадбиқи чораҳои пешгирикунандаи бемории сил, фаъолияти хадамоти назорати давлатии санитарию эпидемиологӣ дар ҳамбастагӣ бо хадамоти зидди бемории сил ва КАТС дар манбаъҳои сирояти бемории сил, оварда шудааст. Инчунин хулосабарорӣ карда шудааст, ки нишондиҳандаҳои асосии эпидемиологии бемории сил дар ноҳияи Восеъ солҳои охир хеле беҳтар шудааст ва соли 2023 инҳоро нишон медиҳад: нишондиҳандаи беморшавӣ - 20 ва нишондиҳандаҳои фавт – 1,3 ба 100 ҳазор аҳолӣ.

**Дар боби 4** чорабиниҳои пешгирии бемории сил дар манбаъҳои сирояти силӣ дар ноҳияҳои минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон мавриди таҳлил қарор дода шудааст. Аз ҷумла хулосабарорӣ шудааст, ки сифати пуркунии шакли №075 – хабарномаи фаврӣ оид ба бемории сироятӣ, заҳролудшавии ғизоӣ, шадиди касбӣ, аксуламалҳои ғайримуқаррарӣ ба эмкунӣ ва шакли №213 – варақаи эпидемиологии баҳодиҳӣ ва муоинаи бемории сил дар ноҳияҳои минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон солҳои 2022 ва 2023 интегратсияи нокифояи ХЗС, КАТС ва ХНДСЭ-ро инъикос мекунанд.

**Дар боби 5** натиҷаҳои таҳқиқот мавриди баррасӣ қарор дода шудааст.

Хулосаҳо аз 7 банд иборат буда, дар онҳо оиди оне, ки нишондиҳандаи максималии гирифторшавӣ ба бемории сил дар Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2023 дар ВМКБ ошкор карда шуд, баъди ин ноҳияҳои минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон меоянд ва баъдан дигар минтақаҳои ҷумҳурӣ, хулосабарорӣ карда шудааст. Инчунин оиди оне, ки дар байни ноҳияҳои минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон соли 2023 нишондиҳандаи максималии беморшавӣ бо бемории сил дар ноҳияи Муъминобод, сипас ш.Кӯлоб, Ш.Шоҳин, Ховалинг, ноҳияи Кӯлоб, Фархор, Данғара, Восеъ, Балҷувон, Ҳамадонӣ ва Темурмалик рост омадааст.

**Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии диссертатсия.** Аз ҷиҳати аҳаммияти илмӣ дар диссертатсияи мазкур таҳлили минтақаҳои дорои паҳншавии максималӣ ва минималӣ ва сабабҳои онҳо таҳлил карда шудааст. Инчунин, аз ҷиҳати аҳаммияти амалӣ ҷустуҷӯи роҳҳои беҳтар намудани вазъияти эпидемиологӣ дар минтақаҳои дорои дараҷаи максималии паҳншавии бемории сил бо такя намудан ба хусусиятҳои минтақавии омилҳои хатари инкишофи он, махсусан дар манбаъҳои сирояти бемории сил, муҳим аст. Аз ҷиҳати аҳаммияти иқтисодию иҷтимоӣ бартараф намудани омилҳои асосии хатар, хусусиятҳои инкишоф ва саривақтӣ будани дараҷаи верификатсияи шаклҳои гуногуни бемории сил дар манбаъҳои сирояти силӣ таъсири назаррас хоҳанд расонид.

**Нашри натиҷаҳои таҳқиқ аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Аз рӯйи маводи диссертатсия 10 кори чопӣ, аз ҷумла 5 мақола дар маҷаллаҳои эътирофнамудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 1

Дастурамали методӣ, нашр карда шуданд. Дар мақолаҳои ҷопшуда ҳамаи самтҳои илмии дар диссертатсия таҳлилшуда, инъикос ёфтаанд.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссия.** Диссертатсияи Ғуломзода Бобоҷон Зариф дар мавзӯи «Баҳодиҳии муқоисавии паҳншавӣ ва хусусиятҳои минтақавии омилҳои хавфи инкишофи бемории сил дар манбаъҳои сирояти силии минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои тиббӣ ба талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқат мекунад.

Автореферат, ки аз диссертатсия бармеояд, ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

Бо вуҷуди баҳои мусбате, ки дар тақриз баён гардид, дар рисолаи мазкур баъзе камбудиҳо, ҳолатҳои баҳсталаб, ғалатҳои оморӣ, имлои грамматикӣ ҷой доранд, ки дар байни онҳо саволи зеринро метавон ҷудо намуд:

1. Шумо исбот карда метавонед, ки нишондодҳои омори расмӣ оиди гирифторшавӣ ба бемории сил дар минтақаҳои кишвар реалӣ мебошанд.

Ҳамзамон, бояд гуфт, ки эродҳо ва камбудиҳои зикршуда, дар маҷмуъ, аҳаммияти назариявию амалии диссертатсияи мазкурро коста намекунанд ва ба муҳтавои кор таъсири манфии зиёд намерасонанд.

Дар маҷмуъ, диссертатсияи Ғуломзода Бобоҷон Зариф дар мавзӯи «Баҳодиҳии муқоисавии паҳншавӣ ва хусусиятҳои минтақавии омилҳои хавфи инкишофи бемории сил дар манбаъҳои сирояти силии минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои тиббӣ аз рӯйи ихтисоси 14.02.02 – Вогиршиносӣ пешниҳод гардидааст, кори ба анҷом расида ҳисобида шуда, ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии

Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267 тасдиқ шудааст мувофиқ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои тиббӣ аз рӯйи ихтисоси номбаршуда мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**


Муовини директори Муассисаи давлатии
“Маркази ҷумҳуриявии пешгирӣ ва мубориза
бар зидди бемории ВНМО”,
номзади илмҳои тиббӣ А. Солиев

**Суроға:**

Индекс, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Деҳотӣ, 48
Тел.: +992 234-34-42
E-mail: salijon@mail.ru


Имзои Солиев А.А-ро тасдиқ мекунам.


Сардори шуъбаи кадрҳои Муассисаи давлатии
“Маркази ҷумҳуриявии пешгирӣ ва
мубориза бар зидди бемории ВНМО” Э. Акбарова

**Суроға:**

Индекс, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Деҳотӣ, 48
Тел.: +992 234-34-42
E-mail: ella.akbarova@bk.ru


“ 29 » 05 соли 2025